«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
__________ Хушвахтзода Қ.Х.
«__02__» ____09______ соли 2022

Тақризи муассисаи пешбар

ба кори диссертатсионии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), пешниҳод гардидааст.

Дар шароити муосир масъалаи низоми таҳсилоти олии касбиро ҳамқадами замон гардонидан ва барои ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид намудани он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷиикистон пайваста тадбирҳо меандешанд. Маҳз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» вобаста ба талаботи замон ва баҳри рушду нумӯи таҳсилот дар системаи ягонаи таълим тағйироти ҷиддӣ ворид намуд. Дар шароити кунунӣ масъалаи амалигардонии инкишофи ҳаматарафаи шахсияти донишҷӯён, рушди қобилияти фаъолияти таълимӣ-маърифатии онҳо торафт мубрамият пайдо менамояд, зеро дигаргунсозии ҷараёни таълим натанҳо аз нав дида баромадани мазмун, инчунин, навсозии мақсадҳо, истифодаи технологияи нав ва инчунин истифодаи мақсадноки методҳо ва усулҳои муосири таълимро тақозо менамояд.

инчунин истифодаи мақсадноки методҳо ва усулҳои муосири таълимро тақозо менамояд.

Бинобар ин, дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ҷумла таълими химия бояд тарбияи шахсияти фаъол ва созандаро ба роҳ монда, дар шуури донишҷӯён эҳсоси худогоҳии миллӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллиро тарбия намудан ва инчунин муҳайё намудани асосҳои педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷуёнро талаб менамояд. Илми педагогика ба таври доимӣ, дар кӯшиши дарёфти методҳо ва усулҳои таълими фан, баланд бардоштани сифати таълими донишҷӯёнро аз фанни химия, рушди маҳорату малакаҳои иҷрои корҳои амалӣ ва истифодаи онҳо дар амалия пайваста тақвият медиҳад. Таҷрибаҳои педагогӣ собит менамоянд, ки агар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари машғулиятҳо истифода намудани усулҳои фаъоли таълим ва технологияи иттилоотӣ, инчунин, касбият ва идроки донишҷӯёнро фаъол накунанд, ҳавасмандӣ ва мустақилияти донишҷӯён ташаккул намеёбад. Ҳавасмандӣ - ин ҳиссиёти баланди зеҳнӣ, муносибати системавӣ ва таҳсил, талаботи ботинӣ ба донишҳои химиявӣ ва талаботи мустақилонаи аз худ намудани донишҳо, маҳоратҳо, ташаббускорӣ ва мустақилияти маърифатии донишҷӯёнро дар бар мегирад.

Аз ҳамин лиҳоз, мавзуи пешниҳоднамудаи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич муҳим буда, дар асоси талаботҳои як қатор ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расонида шудааст, ба монанди: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ дар зарурияти рушди фанҳои табиатшиносӣ тасдиқ менамояд. Тибқи нақшаи «Стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф»

яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат омӯзиши илмҳои табии риёзӣ мебошад, ки барои бунёди намунаи миллии бисёрзинагии таҳсилот, ҳамгироии ягонаи ҷаҳонии таҳсилот, таъмини эҳтиёҷоти шахс ва талаботи шахсият ба дарёфти донишу ҳунар ва таҳсилоти мутассил мусоидат менамояд, аз ин лиҳоз, диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич ба ин самт нигаронида шуда аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳои бобҳо дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Дар муқаддима оид ба мубраммияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии он, объект, ҳадаф, фарзия, асосҳои методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ карда шудааст.

Боби якуми рисола – «Асосҳои назариявии рушди фаъолияти таълимӣ- маърифтаии донишҷӯён дар раванди омузиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» – номгузорӣ шуда, аз се зербоб:
Зербоби якум – «Масъалаи рушди шахсият дар раванди таълим», зербоби дуюм «Рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди омузиши фанни химия (асосӣ)» ва зербоби сеюм «Шароитҳои педагогии рушди таълимӣ-дарксозии донишҷӯён»-ро дар бар мегирад. Муаллиф ҳангоми баррасии боби аввали зербоби якум оид ба масъалаи рушди шахсият дар раванди таълим, муносибат ба методҳои таълим ва зарурати тағйири он диққати асосиро ба ҷорӣ намудани рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ равона кардааст. Дар зербоби якуми ин таҳқиқоти илмӣ бомаврид қайд шудааст, ки масъалаи рушди шахсият дар раванди таълим талабот ба омодагии таҳсилот ва рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, дониш, маҳорат, малака, таҷрибаи ба ҳамалоқаманди донишҷӯён мусоидат менамояд.

Ҳамзамон таъкид карда шудааст, ки усулҳои рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён намунаи беҳтарини аз худ кардани дониш ба ҳисоб меравад. Диссертатсия ба мавзуи муҳими илмӣ-педагогӣ бахшида шуда дар он имкониятҳои педагогикаи муосир дар бораи рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омузиши химия дар муассисаҳои олии касбӣ мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор дода шудааст. Ҳангоми татбиқи усули мазкур рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар натиҷа ва сифати таълим дода мешавад. Инчунин тазаккур дода мешавад, ки вазифаи асосии омӯзгори муассисаҳои таълимӣ ин интихоби самаранокии методҳои таълим буда, мақсади асосии он беҳтар ба роҳ мондани таълим, тарбия ва рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён аст. Омӯзгорро зарур аст, ки ҳар як методро дар раванди таълим бояд самаранок истифода намояд, зеро маҳз онҳо вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишҷӯёнро таъмин менамоянд. Таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки баҳри беҳтар намудани раванди таълим бояд бештар мустақилияти донишҷӯён ба роҳ монда шуда, ба ин васила дониши тахассусии онҳоро мукаммал намудан мумкин аст.

Дар зербоби дуюм «Рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия (асосӣ)», самарабахшии ин фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ таҳлил карда шуда, сохтори раванди таълим, зарурати истифодаи корҳои мустақилона барои фаъолноксозии фаъолияти эҷодӣ-таҳқиқотии донишҷӯён мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Таҳти мафҳуми рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён фаъолияти ҳадафманди омӯзгор, муосиркунонии усул ва воситаҳо, мазмун, шакл ва методҳои таълим диниста шуда, ҳадафи он рушди майлу рағбат ба таълим, баланд бардоштани фаъолнокии донишҷӯён, рушди малакаҳои мустақилонаи эҷодии онҳо ва қобилияти истифодаи онҳо дар амалия

таъкид гардидааст. Бо таври илмӣ исбот шудааст, ки маҳз усули муҳими самарабахшии фаъолияти донишҷӯён дар амалия ба муваффақиятнокии фаъолияти омӯзгор вобаста аст, зеро ҳама фаъолияти мустақилона, ба сифати қобилияти шахсият ба фаъолияти маърифатӣ, аз иҷрои супоришҳои зеҳнӣ ва фаннӣ дар асоси донишҳо ва малакаҳои мустақилона иборат аст. Бо истифодаи таснифоти гуногуни кори мустақилона, аз тарафи муаллифи рисола таснифот, доир ба истифодаи кори мустақилона дар машғулиятҳои амалии сикли химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; кор бо китоби дарсӣ; кори мустақилона дар машғулиятҳо; ҳалли вазифаҳо (миқдорӣ, сифатӣ, ки далелҳоро талаб мекунанд, ва ғ.); рефератҳо; суханрониҳо; кори хонагии назоратӣ; супоришҳои инфиродии хонагӣ; тавсифи мушоҳидаҳо аз рӯйи озмоишҳои аз ҷониби омӯзгор гузаронида шуда ва ғайра мавриди пешниҳод қарор дода шудааст. Эҷодкории донишҷӯён мушоҳидаи нозуконаи ҳодисаҳоро дар бар гирифта, дар хотира устувортарини онҳо боқӣ монда, донишҷӯён доимо дар ҷустуҷӯйи ҷавоб ба саволи гузошташуда қарор гирифта, ба вариантҳои гуногуни вазифаҳои ҳалшаванда сарфаҳм меравbooнд. Аз ин лиҳоз, Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дуруст мешуморад, ки усули муҳими ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти мустақилона ва эҷодии таълимӣ-маърифатӣ омӯзиши илмҳои химиявӣ, корҳои мустақилонаи таҳсилӣ ва вазифаҳои эҷодӣ  маҳсуб меёбад. Барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли ин масъала дар машғулиятҳои химиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шартҳои заруриро ба таври зайл пешниҳод намудааст:

-дар раванди таълим истифода намудани методҳои муассир дар рушди тафаккури мантиқӣ, фаъолнокӣ ва мустақилияти донишҷӯён;

-ҷалби мунтаззами донишҷӯён ба шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ- маърифатӣ.

- шинос намудани донишҷӯён бо методҳое, ки дар таҳқиқоти илмӣ истифода мегарданд.

-ташкили машғулиятҳои таълимии инфиродии хусусияти эҷодидошта.

Дар зербоби сеюм «Шароитҳои педагогии рушди таълимӣ-дарксозии донишҷӯён» сохтори ҷанбаҳои педагогӣ, шароити самарабахшии фаъолияти маърифатӣ баррасӣ шуда, нақши муҳими омӯзгор дар раванди таълим, омилҳои дохилӣ ва берунаи фаъолияти бомуваффақият таҳлил карда шуда, собит карда шудааст, ки роҳи дастёбӣ ба муваффақиятнокии фаъолияти соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар корбасти истифодаи техникаи педагогӣ мебошад. Омӯзгор дар ташаккули мустақилият ва фаъолияти маърифатии донишҷӯён нақши муҳимро дорад, зеро муваффақиятнокии раванди фаъолноксозии донишҷӯён аз шахсияти омӯзгор, донишҳои ӯ, муносибати ӯ раванди таълим ва донишҷӯён, қобилиятҳои методии ӯ вобаста мебошад. Инчунин раванди рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ба шахсияти донишҷӯён, яъне бо ҳолати ботинӣ (пешниҳодот, майлу рағбатҳо, вақтҳо) ва шароити беруна (самарабахшии фаъолият), алоқаманд аст.

Дар боби дуюми зербоби якум «Меъёрҳо ва сатҳҳои рушди фаъолияти маърифатӣ» мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф фаъолнокии маърифатиро бо самтҳои зерин андозагирӣ мекунанд: а) аз рӯйи сифати донишҳо; б) аз рӯйи саволҳои донишҷӯён, ки ба омӯзгор дода мешаванд; в) аз рӯйи хусусияти маълумоти саволҳои додашаванда; г) аз рӯйи муносибати донишҷӯён ба супоришҳои иловагӣ; д) дар вақти иҷрои супоришҳо истифодаи миқдори муайяни сарчашмаҳои илмӣ; е) аз рӯйи миқдори вақт, ки аз ҷониби донишҷӯ барои омодашавии назариявӣ ба машғулиятҳо сарф шудааст. Фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро, пеш аз ҳама, саволҳоеро дар бар мегиранд, ки аз тарафи донишҷӯён пешниҳод

мешаванд. Саволҳо кӯшишҳои донишҷӯёнро барои гирифтани донишҳои нав инъикос намуда, амиқии фаҳмиши фанни таълимиро нишон медиҳанд. Саволҳои додашуда ҷустуҷӯ ва хоҳиши гирифтани донишҳои иловагиро ифода мекунанд.

Нишондиҳандаи дигари ин фаъолнокӣ кӯшишҳо ва хоҳишҳои донишҷӯён барои иштирок кардан дар фаъолият, мубоҳисаҳо доир ба масъалаҳои додашуда дар машғулиятҳо, хоҳиши ифода кардани нуқтаи назари худ, ислоҳи ҷавобҳои ҳамсабақони худ мебошанд. Нишондиҳандаи фаъолияти маърифатии донишҷӯён амалҳои фаъол доир ба азхудкунии донишҳо ва касбу қобилиятҳо мебошанд. Ҷалби донишҳои азхудшуда дар вазъиятҳои гуногун ба истифодаи устувор ва озодонаи онҳо, дарки амиқи моҳияти фанни мавриди таълимиро мусоидат менамояд. Фаъолнокии маърифатӣ ҳамчун изҳори ирода дар фаъолият: бодиққатӣ ва хотирҷамъӣ зимни ҳалли супоришҳои мушкил, кӯшиши то охир расонидани кори оғозкардашуда, эҳсосоти мусбат ҳангоми ҳалли дурусти вазифа мебошад.

Дар зербоби дуюм ба асосноккунӣ ва санҷиши «Методикаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба санҷиши муваффақона будани шароитҳои педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён» бахшида шудааст. Зимни таҳқиқоти илмӣ вазифаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ чунин гузошта шудааст:

-таҳқиқи масъала доир ба рушди мустақилияти донишҷӯён ва фаъолнокии маърифатии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

-тасдиқи озмоишии шароити рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯёни курсҳои 1-3-и факултети химия ва биология дар раванди таълими фанни химия;

-муайянсозии шароит доир ба самарабахшии фаъолияти маърифатӣ, таҳлили қисмҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ;

-таҳлил ва коркарди маълумоте, ки дар натиҷаи озмоиш ба даст омадааст.

Кори озмоишӣ дар се марҳила гузаронида шудааст. Дар озмоишҳои гузаронидашуда, дар ҳар як марҳила вазифаҳои муайян гузошта шуда, методҳо ва воситаҳои муайяни ҳалли вазифаҳои гузошташуда истифода шуда, натиҷаҳои муайян ба даст омадааст, ки мавриди таъкид аст. Дар таҳқиқоти мазкур ҳангоми гузаронидани озмоиш ва интихоби методҳо бо назардошти ҳамкории тафаккури бадеӣ ва мантиқӣ дар дарсҳои химия асос карда шудааст. Исбот гардидааст, ки пай дар пай иваз намудани методҳои таълим самаранокии педагогии таҳсилоти олии касбиро, аз ҷумла, фанни химияро афзун менамояд.

Дар зербоби сеюм «Натиҷаҳои раванди рушди фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯён ва рушди мустақилият дар онҳо», натиҷаҳои озмоиши педагогӣ пешниҳод гардидааст. Сатҳи фаъолнокии донишҷӯён, дар маҷмӯъ аз рӯйи гурӯҳҳо ва арзёбии миқдори фаъолнокии мазкур, аз рӯйи таносуби фоизии донишҷӯён дар гурӯҳҳо муайян карда шудааст. Дар ҳар як сатҳи фаъолнокӣ дар озмоиши педагогии кори таҷрибавӣ-озмоишӣ нишондиҳандаи миёна, ки раванди таълимро тавсиф медиҳад, муайян карда шудааст.

Озмоиши мазкур дар ду марҳила гузаронида шуда, дар раванди таълим навъи вариантивӣ таълим ба кор бурда шуд, ки ин шакл мақсаднок буда, дар гурӯҳҳо нишондиҳандаҳои алоҳида баробар ва мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Марҳилаи аввали озмоиши педагогӣ санҷиши муваффақиятнокии таъсиррасониро дар ташаккули фаъолнокии донишҷӯён ва ҳар як шароити педагогӣ дар бар гирифтааст. Дар асоси вазифаҳои марҳилаи аввал, донишҷӯён ба се гурӯҳи озмоишӣ ва як гурӯҳи назоратӣ тақсим карда шуданд. Дар гурӯҳи аввали озмоишӣ (О-1) шарте мавриди санҷиш қарор гирифт, ки қобилиятҳои инфиродии донишҷӯёнро таъмин менамояд; дар гурӯҳи дуюми озмоишӣ (О-2) шарте мавриди санҷиш қарор гирифтааст, ки хусусиятҳои донишҷӯён

ва рушди фаъолияти низоми онҳоро дар онҳо дар бар гирифтааст; дар гурӯҳи сеюми озмоишӣ (О-3) донишҷӯён доир ба фаъолияти эҷодӣ, бо назардошти қобилиятҳои инфиродии онҳо, тақсимбандӣ шудааст. Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда тавассути 18 ҷадвал, 17 нақша ва расм баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар хулосаи умумӣ чунин пешниҳодҳо баён гардидаанд:

- проблемаи рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён муҳим мебошад ва омӯзишу ҳал намуданро талаб менамояд. Заруратy аҳамияти он аз талаботҳои ҷомеаи муосир ба мутахассисони касбии фаъолияткунанда дар соҳаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илми химия, маҳорати мустақилона рушд додани донишҳои худ ва истифода намудани онҳоро дар фаъолияти меҳнатӣ талаб менамояд, вобастагӣ дорад.

- фаъолнокӣ ва дарксозии донишҷӯён дар он ҳолате бо муваффақият ташаккул меёбад, ки агар фаъолияти маърифатии онҳо ба батартибдарории раванди таълим равона шуда бошад ва пайгири консепсияи равонашуда ба пуркувваткунонии диққатнокӣ ба шахсият, талабот ва донишҳо, қобилиятҳо, малакаҳо ва рушди шахсии донишҷӯён равона шуда бошад.

-барои самарабахшии фаъолияти таълимии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои сикли химия, муҳайё намудани шароити иҷтимоӣ-педагогӣ, таъминкунандаи ташаккулёбӣ ва рушди фаъолнокии дарксозӣ, зарур аст.

- озмоиши гузошташуда фарзияи пешниҳодшударо исбот намуд: барои рушди бомуваффақияти самарабахшии фаъолияти таълимӣ–маърифатии донишҷӯён ба назар гирифтани шароити педагогии зерин зарур мебошад; қобилияти омӯзгори муассиаҳои таҳсилоти олии касбӣ доир ба идоракунонии фаъолияти самарабахши маънавии донишҷӯён; ташкил намудани раванди таълим бо назардошти хусусиятҳои фардии шахсияти донишҷӯён; ҷалб намудани донишҷӯён ба шаклҳои гуногуни

фаъолияти самараноки мустақилонаю дарксозӣ; дар раванди таълим истифодаи вазифаҳо ва супоришҳои хусусияти эҷодидошта.

Дар асоси таҳқиқот тавсияҳои зерин пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла: вазифаҳо доир ба таъмини шароити босифат ва натиҷаҳои ташаккулёбии фаъолияти мустақилона ва дарксозии донишҷӯён дар раванди таълими фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; истифодаи технологияҳои инноватсионӣ барои равшану возеҳ намудани қобилияти донишҷӯён, ташкил намудани маҳфилҳои гуногуни илмӣ доир ба майлу рағбати донишҷӯён ва ба вуҷуд овардани имкониятҳои ақлию зеҳнӣ ба донишҷӯён омӯхтани маводи таълимӣ ва бо мақсади ба даст овардани муваффақиятҳо дарсҳои таълимӣ аз фанни химия ва самаранокии вазифаҳо ва супоришҳо дар раванди таълим; фаъолияти вариантии донишҷӯён ҳангоми хусусиятҳои педагогӣ-озмоишӣ; дар раванди таълим иҷро намудани корҳои мустақилонаи гуногуни хосияти таҷрибавидошта ва ҳангоми гузаронидани таҷриба ба инобат грифтани қонуниятҳои он; вобаста ба ҳолати амаликунонии мафҳумҳо, қонунҳо ва қоидаҳо дар фаъолияти таълимӣ ва ҷустуҷӯии донишҷӯён гурӯҳбандӣ карда мешаванд; агар ҳар як донишҷӯ дар раванди иҷро намудани дарсҳои амалӣ донишҳои заруриро аз худ намояд, мушкилоти пайдошударо рафъ намуда, донишҳои навро аз худ менамояд ва дар ин ҳолат дар қатори муваффақиятҳо дар аз худ намудани донишҳо, дар вай таваҷҷуҳ ва майлу рағбати зиёд пайдо мешаванд, ки самаранокии таълимро баланд мебардорад; муайянсозии тарзи фаъолият ва дарсгузаронии омӯзгор бо мақсади муайян намудани роҳҳои муҳимияти ташаккулёбии тафаккури мантиқӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ-методии донишҷӯён;

Натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишии диссертатсия дурустии ақидаҳои муаллифро дар бораи амаликунонии шароитҳо доир ба таъминкунии ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти маърифатии шахсияти мутахассиси оянда, рушди донишҷӯён аз ҳолати пасти фаъолият то ҳолати баланди

он дар таҳқиқоти илмӣ исбот карда шудааст. Илова аз ин, вазифаи таҳқиқоти зайл дар асосноккунонӣ, коркард ва санҷиши таъсиррасонии шароити педагогӣ дар раванди омӯзиши фанҳои сикли химия ва ташаккулёбии фаъолияти дарксозии донишҷӯён бо роҳи гузаронидани озмоиш иборат аст, ки бомуваффақият анҷом дода шудааст.

Гуфтаҳои дар боло зикргардида маънои онро надоранд, ки таҳлили илмии мавзӯъ, дар маҷмӯъ ҳалли пурраи худро ёфтааст. Чунин мешуморем, ки паҳлуҳои гуногуни ин мушкилот дар оянда омӯзиши васеъро талаб менамояд, ки аз ҷумла коркарди барнома ва дастури таълимӣ ва нишон додани сатҳҳои фаъолнокии маърифатии донишҷӯён доир ба ихтисоси химия; ҷустуҷӯ ва амаликунонии роҳҳои дигари рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми таълими фанҳои химиявӣ (масалан, имкониятҳои техникаи компютерӣ, ташаккулёбӣ ва рушди фаъолнокии маънавӣ, маърифатӣ) ва ғайраҳо;

Бояд зикр кард, ки автореферати Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, асоснок намудани мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, ки мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, мавзӯъ ва ҳадаф, фарзия, вазифаи таҳқиқот, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, онро ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Боиси тазаккур аст, ки аз тарафи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ 12 мақолаҳои илмӣ, ки аз он ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи бонуфузи тавсияшудаи

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Ҳангоми баррасии диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои назаррас баъзе аз нуқтаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд, ки таъкид ва ислоҳи он боиси баланд шудани сатҳ ва дараҷаи таҳқиқоти ояндаи илмӣ мегардад:

1. Дар диссертатсия ва автореферат баъзан ба хатогиҳои услубӣ ва имлоӣ роҳ дода шудааст;
2. Дар боби аввали зербоби сеюм иқтибосҳо кам ба назар мерасанд.
3. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки диссертант мебоист ҳар чи бештар аз таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ истифода менамуд.

Ин эродҳо, ҷузъӣ буда, ба арзиши диссертатсия таъсир надоранд.

Мавриди таъкид аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич арзишҳои назарраси таҳқиқоти илмӣ, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Мувофиқи натиҷаҳои баррасигардидаи диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» таҳқиқоти илмӣ ба охиррасида ҳисобида шуда, аҳамияти он барои педагогикаи муосир роҳандозии он дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла фанни химия ва инчунин ҳаҷм, арзишҳои назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» барои

(илмҳои педагогӣ) дар ҷаласаи васеи аъзоёни кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи милии Тоҷикистон аз 31.08.2022 таҳти рақами 1 мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Натиҷа чунин аст: 14-нафар иштирок доштанд, тарафдор 14-нафар, муқобил-нест, бетараф-нест, Бо овоздиҳии пинҳонӣ протоколи ҷаласаи мазкур тасдиқ карда шуд.

Тақриз аз ҷониби эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Худойқулова Қизралгул Ҷурақуловна омода карда шудааст.

Раиси ҷаласа:
Доктори илмҳои педагогӣ., профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ — Қодиров К.Б.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Худойқулова Қ.Ҷ.

Котиби ҷаласа: — Тошзода С.Ҳ.

"Имзоҳои Қодиров К.Б., Худойқулова Қ.Ҷ. ва Тошзода С.Ҳ. тасдиқ мекунам":
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

"02" 09 2022

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел: (+992) (837) 221-30-13 (+992) (837) 221-30-13
E-mail: Ilm-dmt@mail.ru, сайт: www.tnu.tj